**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №1, 2015**

## САНЪАТШИНОСӢ

**УДК: Эрон 1+7с.+7и**

**ГУЗАРҶӢ Ф.Х**[1]**.**

# МАВЗӮИ ХОНАВОДА ДАР СИНАМОИ ПАС АЗ ИНҚИЛОБИ ЭРОН

Синамо ҳунарест, ки аз ҳунарҳои дигар истифода мекунад, то филми тавлидшударо ба мухотаби хеш арза кунад. Он аз муассиртарин ҳунарҳои асри ҳозир ба шумор рафта, ба андоза, ки онро ҳамчун дигар расонаҳои ҳамгонӣ дар гуруҳҳои иҷтимоие, чун хонавода муассир медонанд. Аз ин рӯ, нигаришҳои ҳоким бар абзори тағйири иҷтимоӣ дар наъи ин тағйирот муассир хоҳад буд. Ҳамон гуна ки синамои Эрони пас аз инқилоб бо бозтаърифӣ аз нақш ва ҷойгоҳи худ дар арсаи фарҳанг ва ҳунар мекӯшад дар робитаи диалектикӣ аз муҳити атрофи хеш таъсир пазируфта ва дар қолаби филмҳои худ бар ҷомеа таъсир гузорад. Ҳунармандони синамогар мекӯшанд бо дарку дарёфти тағйироти иҷтимоии кишвар ин таҳаввулотро бо забони синамо ривоят кунанд ва зовияи нигоҳу таҳлили худро аз ин тағйирот ироа намоянд. Яке аз бистарҳои муносиб барои намойиши ин тағйир ва таҳаввулот баррасии равобити ҳоким бар ниҳодҳои иҷтимоӣ ва бахусус хонавода ва равобити ҳоким бар он аст.

**Калидвожаҳо:** Эрон, инқилоб, пас аз инқилоб, филм, синамогар, хонавода, синамо.

Хонавода яке аз мафҳумҳои муҳимми мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони риштаҳои мухталиф будааст. Ба таври куллӣ мафҳуми хонавода ба хурдтарин воҳиди иҷтимоӣ итлоқ мешавад. Он чӣ дар ин миён аҳаммият дорад, таъсири фарҳанг бар хонавода ва паҳлуҳои мухталифи он аст. Ҳар фарҳанг таркибҳои сохтӣ ва коркардии хосеро дар бар мегирад ва хонавода ба унвони ниҳоде аз фаҳанг низ таркиби онро ҷазб ва боз тавлид мекунанд. Пас монанди бештари ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоӣ тафавутҳои зиёде дар гиру мони хонавода ва издивоҷ дар миёни фарҳангҳои гуногун вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, дар хонавода иртибот миёни издивоҷ ва тамоюлоти ҷинсӣ чист, зану шавҳар чӣ гуна интихоб мешаванд?.. Дар фарҳангҳои гуногун дар ин боб тафовутҳои зиёде ҳаст [1,424]. Бинобар ин мафҳуми хонавода бо таваҷҷуҳ ба тағйироти фарҳангӣ бо гузашти замон аз як сӯ ва фарҳанге ба фарҳанг аз сӯи дигар тағйир мекунад.

Хонаводаро метавон як намоди иҷтимоӣ донист, ки инъикоси тамоми ҷомеа аст [2, 134]. Тасаввури хонавода ба масобаи чаҳорчӯбе баста аст, ки мустақил ва ба ниёз аз ҷомеа наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ҷомеа низ

[1] **Адрес для корреспондеции**: Гузардши, Фатхуллах Хадод -- соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоуддинова АН Республики Таджикистан. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки-33.тел: 2213223.

бидуни хонавода арзи вуҷуд карда наметавонад. Аз ин рӯ, мафҳуми хонавода дар миёни андешаҳои мутафаккирони улуми иҷтимоӣ аз ҷойгоҳи вижаро бархурдор аст, ки ду андешаи зид доранд.

Иддае ҳомиёни «хонаводаи суннатӣ» ҳастанд ва ба лиҳози сиёсӣ тамоилоти рост доранд ва он замоне хидамоти хубе дошт. Акнун бошад он гузашта ва ба ҳамин далел хонаводаи суннатӣ мавриди ҳамлаи равандҳои сиёсӣ ва равандҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ қарор дорад. Ин тоифа мегӯянд, ки мо бояд ба қафо боз гардем ва «хонаводаи суннатӣ»-ро ҳимоят кунем [1,93].

Дар муқобили «хонаводаи суннатӣ» либералҳое ҳастанд, ки диди комилан мухолиф доранд. Онҳо муътақиданд, ки он чӣ дар ҳоли рух додан аст, таксири анвоъи шаклҳои хонавода аст, ки бо тағйири шаклу зиндагии шахсӣ робитаи танготанг дорад ва онон инро дар ҷомеа мудирни муфид ва лозим медонанд. Дар ин байн бояд гуфт, ки хонавода дар ҳоли ҷаҳонӣ шудан аст.

Хонаводаи суннатӣ дар ҳар куҷо, ки бошад, гароиш дорад, то дар ниҳоди издивоҷ нақшҳои собитеро барои марду зан қоил шавад [1,94]. Мард ва зан сирфан барои барпо карани ойила будаанд, на чизи дигаре.

Акнун ин сохтор тағйир кардааст ва Издивоҷи дигар ба сурати ниҳодии шаффоф, ки қаблан буд, нест. Бахше аз ин тағйир ба иллати масъалаи суннатзудоие аст, ки боис шуда нақшҳои қаблии зану мард дар ҷомеаи муосир дигар собит набошад. Ба ҳамин далел тасмим дар бораи издивоҷ тасмими бисёр ҷиддитаре нисбат ба гузашта аст. Ин амр дар садди болое аз касоне аст, ки дар бисёре аз кишварҳои ғарбӣ пас аз муддатҳо бо ҳам зистан издивоҷ мекунанд. Ин дар ҳолест, ки дар назари бештар мардуми насли гузашта ин амр на танҳо ғайри мумкин, балки як расвоии иҷтимоӣ дониста мешавад [1, 95].

Ҳамчунин бояд ба ин нукта ишора кард, ки дар хонаводаи суннатӣ занон тақрибан дар ҳама фарҳангҳо мулки шавҳар буданд. Хонводаи суннатӣ бар асоси қудрати мард ва тасаллути падарсолорона сохта шуда буд. Хонаводаи суннатӣ дар ҳар ҷо бар асоси адами тавозуни қудрат байни зану шавҳар, володайн ва бачаҳо буд. Ин дар ҳоле аст, ки дар ҷомеаи имрӯз на танҳо муваффақияти занон тағйир карда ё дар ҳоли тағйир аст, балки садои бачаҳо низ шунида мешавад, ки садои қонунӣ аст [1,97]. Боз баъзе муносиботи занону мардон, бероҳагиҳо ва натоиҷи он ки зиёдагӯӣ мешавад.

Аз он чӣ гуфта шуд, нишон медиҳад, ки дар хонаводаи суннатӣ чӣ тағйироте ворид шуда ё дар ҳолӣ иттифоқ афтодан аст. Тағйироте, ки Гидназ дар ниҳоди хонаводаи Эрон мушоҳида кардааст, нишон медиҳад, ки роҳи бозгаште ба хонаводаи суннати вуҷуд надорад. Решаи хонаводаи суннатӣ дар сохторҳое комилан тафовуткунанда бо ҷаҳони муосир ва тағйир дар сохторҳои падидаи якпорчагии ҷаҳонӣ аст [1,100].

Асоси диндорӣ ва хонаводагароӣ – ду унсури муҳимми суннат дар ҷомеаи эронӣ аст [3,97-121]. Бар асари таҳоввулоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ дар Эрон хонавода дучори тағйироте шуд. Имрӯз дигаргунаҳои хонавода мутаносиб бо дигаргуниҳои низоми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа нисбатан суръати зиёде ёфтааст. Мутолиоти хонавода нишондиҳандаи таҳаввулоти фарҳангӣ дар ҷомеа ва дар хонавода аст, ки беш аз ҳар чиз ношӣ аз густариши фановарӣ ва таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ аст.

Дар ҳамин замина бояд ба робитаи синамо ва хонавода дар Эрон нигоҳе андозем. Нисбати байни хонавода ва синамо, ба вижа дар фарҳанги

эронӣ чандгуна аст. Аз як сӯ ба далели аҳаммияти ниҳоди хонавода дар фарҳанги Эронӣ хонавода яке аз муҳимтарин дастмояҳои бисёре аз тавлидоти синамоӣ аст ва аз сӯй дигар тавлидоти синамоӣ ба масрафи аъзои хонавода мерасад. Бинобар ин як сӯ хонавода бар синамо таъсир мегузорад ва онро самту сӯй медиҳад ва аз сӯи дигар синамо бо бознамоии синамоии худ бар рӯи хонавода таъсир мегузорад. Бар ин асос метавонем бисёре аз филмҳои синамоиро, ки дар он оҳангҳои хонаводагӣ матраҳ ҳастанд, мушоҳида намоем, ки дар синамои Эрон фурӯше вижа дорад. Бозтоби хонавода дар филмҳои синамоӣ низ достони худро дар бистари як фазо ва сохтори хонаводагӣ ривоят мекунанд. Ба ҳамин далел печидагии мафҳуми хонавода, коркардҳои он ва иртиботи он бо тағйиротҳои «ичтимоӣ ва таҳаввулотӣ», ки дар худ дидааст, дар филмҳои синамоӣ бозтоб пайдо меунанд. Филмҳое бо мазмуни хонавода ё дар бистари хонавод филмҳои ичтимоие ҳастанд, ки таҳаввулоти хонавода ва ичтимоъро дар робитаи зич бо якдигар нишон медиҳанд. Умуман ин мавзӯъ дастмояи хубе барои филмсозон ҳастанд.

Мафҳуми хонавода дар синамои эронӣ бештар ба равобит ва муносиботи заношӯӣ таъбир шудааст ва худи хонавода ба унвони як низоми отифӣ-ичтимоӣ, торик монда, дар бораи аҳаммияти он камтар қисса гуфта шудааст. Ба ҳамин дилел бисёр мушоҳида мекунем, ки масъалаи «издивоч « дар тамоми филмҳо ва сириёлҳои эронӣ пурранг буда ва ҳузуре мустамар (самарбахш) дошта ва дорад. Дар ин байн масоиле, аз чумла «Дурӯғ ва хиёнат», «Издивочи мучаддад ё пинҳонӣ», «Робитаи фарзанд ва володайн»… ва ғ. дар филмҳои Эронӣ бисёр дида мешавад. Он чӣ ки синамои Эрон ба он мепардозад, пардохтан бо масоил ва мушкилот аст ва улгуе аз хонаводаи муваффақ, ки бо воқеияти ичтимоӣ созгорӣ дошта ва барои мухотаб малмус бошад, дида намешавад. Дарвоқеъ филмҳои синамоӣ тарҳи масъала мекунанд, бидуни ин ки роҳи ҳалле ироа диҳанд. Ба баёне дигар, он чӣ дар филмҳои хонаводагӣ синамоии мо намуди бештаре дошта, рӯйкарде осебшиносона будааст, ки ба далели қобилиятҳои драмавӣ, бештар ба сюжет бадал шудааст.

Ҳангома, ки «хонавода» дастмояи тавлиди синамоӣ аст, синамо ба бознамоии хонавода ва чузъиёти аз он мепардозад. Ба унвони мисол, то муддатҳо издивоч поёни филм буд ва ҳама чиз бо издивоч ба интиҳое хуш хотима меёфт. Қатъан ин амр бозтоби мустақими нигаришҳои ичтимоӣ набуд, аммо чанде воқеияти издивоч барои чомеае, ки филмҳои синамоӣ барои онҳо тавлид мешуданд, марказият дошт. Ин дар ҳоле аст, ки имрӯза истифода аз издивоч ба унвони механизми ғайрипечидаи хотимаи филм ғайри мухтамал аст. Даст кашидан аз издивоч дар шуморе аз филмҳои байни даҳаи 1970 то 1990 рух намуд. Дар ин филмҳои издивоч ба унвони як махмаса (гуруснагии сахт)-и хонагӣ талаққӣ мешуд, ки маҳдудкунанда ва касолатовар аст. Ҳамчунин бисёре аз филмҳои издивочро ба унвони муқайяд ва маҳдудкунанда ба тасвир кашидаанд. Дарвоқеъ маънои издивоч ва зарфияти он барои хотимаи шоди ривоят бо тағйири нигариши суннатӣ ба равобити чинсӣ ва идеологияи ҳимояткунанддаи он чойгузин шуд. Фаҳму дарки ин душвор нахоҳад буд, ки филм бо ибҳом ва адами қатъияти муосир дар мавриди анвои қудрат дар дастрас барои занон дар чомеа хотима ёбад [4, 108].

Дар ин байн хонавода дар бисёре аз филмҳои перомуни бознамоии занона матраҳ мешаванд. Ба ин тартиб дар филмҳои Ҳолиюд метавонем бар

таъкидҳои хосе бар рагу шони занон дар қолаби навпардозӣ ва саҳнапардозиҳои хос ишора кунем. Бознамоии занон наметавонад ба роҳатӣ бар хилофи қарордодҳое, ки онро мумкин менамояд, сурат гирад. Ин қарордодҳо маншаи иҷтимоӣ доранд, ки занон дар ҷомеа умуман чӣ гуна дида мешаванд ва чӣ арзише доранд! Гузашта аз ин таваҷҷуҳи синамо ба ишқҳои романтики пеш аз издивоҷ таъсиргузор аст (5,289).

Синамои Эрон муддате вориди ҳавзаи илм набуд. Замоне вориди ин ҳавза шуд, ки диди ҳунар ба он равона шуд ва акнун он чун инъикоскунандаи маъонӣ ва паёмҳо ба мухотибон шинохта шудааст. Достони филм бар рӯи бистаре аз воқеоти иҷтимоӣ иттифоқ меафтад. Аз ин рӯ иддаъои воқеиятӣ дорад ва гузорише аз воқеият аст. «Филмҳо воқеъгаро ҳастанд, танҳо дар маҳдудиятҳои ногуфтаи қатъӣ, онҳо саъй мекунанд, ки аз тамоми печидагии зиндагӣ тақлид кунанд, агар барои ривоят зарур набошад» [5,110]. Бинобар ин синамо расонае аст, ки баёнгари воқеият ва метавонад бахше аз воқеияти иҷтимоиро ба сурати гузинише бознамоӣ кунад. Дар ин байн хонавода ба унвони яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи хосе дар синамои Эрон дорад.

### АДАБИЁТИ


1. Гиднез, Антонӣ. Ҷомеашиносӣ Тарҷумаи Манучеҳри Сабурӣ.-Теҳрон: Най, 1383.
2. Сорухонӣ, Боқир. Ҷомеашиносии хонавода-Теҳрон: Суруш,1370.
3. Озод Армакӣ, Тақӣ. Таҳлили арзишҳои суннатӣ. Маҷ: Номаи улуми иҷтимоӣ, №30.-С.9-121.
4. Тумос, Сорӣ. Филм ва фарҳанг: Синамо ва бистари иҷтимоии он. Тарҷумаи Маҷид Ахтари.- Теҳрон: Самт, 1383.



**ГУДАРЗИ Ф.Х.**


### СЕМЬЯ В ИРАНСКОМ КИНЕМАТОГРАФИИ ПОСЛЕ РЕВОЛЮЦИИ


Кинематография представляет собой вид искусства, использующий другие виды искусства для создания фильма. Наряду с другими средствами массовой информации кинематография считается одним из наиболее влиятельных видов искусства нынешнего века. Иранская кинематография после революции пытается оказывать влияние на общество своими фильмами. Кинематографисты стремятся осознанием и восприятием социальных трансформаций в стране передать эти преобразования языком кинематографии, представляя этим свою точку зрения. Одним из аспектов, соответствующих для демонстрации таких трансформаций и преобразований является оценка отношений, доминирующих в социальных институтах, в частности в семье.



**Ключевые слова:** кинематография, семья, Иран, революция, фильм, кинематографист.



**GUDARZI F.H.**


### THE CONCEPT OF FAMILY IN THE CINEMA AFTER THE IRANIAN REVOLUTION


Cinematography is considered an art that uses other art forms to represent films produced by it to its audience. Along with other media in social groups, as a family, it is

considered one of the most influential art forms of the modern century. Therefore, the approaches that dominate social transformations play an important role with the revision of its role and place in the sphere of culture and art. In this regard, an Iranian cinema after the revolution tries in a dialectical relationship to absorb the impact of the environment, affecting the society through its films. Iranian filmmakers seek the knowledge and perception of social transformations in the country to pass this transformation through the language of cinematography, presenting its point of view and analysis. One of the aspects relevant for the demonstration of such transformations and reforms is assessing the relationship of the dominant social institutions, in particular in the family.

**Keywords:** cinema, family, Iran, revolution, film, filmmaker